Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Суроға: 734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, бинои таълимии 7, синфхонаи 102

# ТАҚРИЗ

## ба автореферати Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович дар мавзуи "Такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз

Такмили технологияҳои рақамӣ ва татбиқи фаъолонаи онҳо дар амалия рушди тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла усулҳои гуногуни ҳамкории фосилавии давлат бо шаҳрвандон ва соҳибкоронро, ки байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон низ ташаккул меёбад, муайян мекунад.

Кори диссертатсионии номзадии Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович ба масъалаҳои мубрами такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт бахшида шудааст, ки барои истеъмолкунандагон ва ҷомеа имтиёзҳои зиёд фароҳам меорад. Истеъмолкунандагон аз рушди иқтисодиёти рақамӣ бартариҳои зиёд бархурдоранд, гарчанде ки ин таъсир дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мустақиман инъикос намеёбад. Ислоҳоти рақамӣ ба тамоми соҳаҳои имрӯзаи ҳаёти мо ворид мешавад. Дар робита ба ин, барои мақомоти андоз муҳим аст, ки истифодаи самаранокии технологияҳои рақамиро дар раванди идоракунии андоз васеъ истифода намоянд. Технологияҳои иттилоотӣ омили асосии ислоҳоти низоми андози кишвар гардида истодааст. Тағйир додани он тавассути барномаҳои инноватсионӣ ва воситаҳои техникӣ дигаргунии куллии робитаҳои мавҷудаи объектҳо ва субъектҳои андозбандиро дар назар дорад, ки дар ниҳояти кор боиси хеле баланд бардоштани самаранокии низом мегардад.

Муқаррарот ва хулосаҳои илмии тадқиқоти диссертатсияи номзадии Исматов А.Ф. ба равишҳои методии омӯзиши мазмуни асосии маъмурикунонии андоз дар иқтисодиёти рақамӣ асос ёфтаанд, ки муаллиф ба таври муфассал мавриди омӯзиш қарор дода ва хусусиятҳои мушаххаси унсурҳои асосии механизми идоракунии андоз аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудааст. Муаллиф ба низом даровардани омилҳо ва нишондиҳандаҳои самараноки барои давлат ва андозсупорандагон дар заминаи ҷанбаҳои асосии фаъолияти мақомоти андоз хеле ҷолиб ба назар мерасад.

Таҳияи моделҳои регрессияи содда ва мураккабро тартиб дода, дар умум таъсири омилҳоро дар намуди модели регрессионӣ, арзёбии самаранокии маъмурикунонии андозро дар асоси ҳалли масъалаи барномасозии хаттӣ, ки

он имкони муайянкунии самаранокиро ҳамчун дар муҳлати муайян, аз рӯй натиҷаи вақти муайянгардида бо мақсади ташкили равандҳои амалиёти маъмурикунонии андоз муҳим мешуморад.

Дар баробари афзалиятҳое, ки зикр намудем, инчунин баъзе камбудиҳо низ дар автореферат ба назар мерасад:

1. Агар муаллиф ҷадвали сохтори омилҳое, ки барои муайян намудани таъсири ин омилҳо ба маъмурикунонии рақамии андозро таҳия менамуд, ба манфиати кор буд;
2. Муаллиф бояд таҳлили муқоисавии самаранокии маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз онро мегузаронид хуб мешуд.

Дар маҷмуъ, диссертатсия Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович аз рӯи натиҷаҳои дар автореферат овардашуда, чунин хулосабарорӣ мегардад, ки он ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34, 35 ва дигар муқаррароти "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти рақами 267) ҷавобгӯ буда, барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз тавсия дода мешавад.

**Тақриздиҳанда:**
Доктори фалсафа (PhD),
муаллими калони кафедраи андоз ва суғуртаи
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон **Ҳамидова С.Ҳ.**

Имзои доктори фалсафа (PhD) муаллими калон **Ҳамидова С.Ҳ.**—ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон **Пирзода С.С.**

*Суроға: 734061, ҶТ, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½, Тел: (+992) 98-988-84-86), E-mail: hamidova-1986@mail.ru*

Сана: 26 11 2024